**Нусха аз суратҷаласаи №3**

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

аз «27» октябр соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт. Дар кори ҷаласа 14 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 1 нафар даъватшуда иштирок дошт. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Баррасии диссертатсия Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ.

**1. ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур Каримов Ш – декани факултети забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, раиси Шурои факултети номбурда баромад намуд. Номбурда қайд кард, ки тибқи тартиби муқаррargardида ба баррасии ҷаласа диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафедра муштараки Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ ДДОТ ба номи С. Айнӣ баргузор гардида, нусхаи суратмаҷлис ва хулосаи мусбии кафедраи мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи диссертант оид ба баррасии диссертатсия дар Шурои олимони факултет 2 нафар муқарризони холис – Ҷоматов Самиддин Салоҳидинович– доктори илмҳои филологӣ ва Разоқбердиев Шараф Саидмуродович – номзади илмҳои филологӣ таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд.

Барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссератсионӣ сухан ба диссертант Саидова М. А. дода мешавад. Диссертант Саидова М. А. муҳтавои мавзуи илмиро бо рӯнамо ва мисолҳо ироа намуд.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба диссертант саволҳо манзур карда шуданд. Аз ҷумла, доктори илмҳои филологӣ Ҷоматов С.С., номзади илмҳои филологӣ, Комилов Мирато, номзади илмҳои филологӣ Ҷураев Хайём ва ҳамчунин номзади илмҳои филдологӣ Асламов Ҳикматулло дар атрофии маърузаи диссертант саволҳо пешниҳод намуданд. Маърузакунанда ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холиси якум – доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷоматов С.С. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти диссератсиониро зикр кард ва аз дастовардҳо ва саҳми назарраси диссертант дар тақриз ёдовар шуд. Ҳамзамон, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ манзур намуд. Дар охири суханронии худ диссератсияро кори комилан баанҷомрасида номида, ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намуд.

Баъдан муқарризи холиси дуюм – Разоқбердиев Шараф Саидмуродович – номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Колеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе суханронӣ намуда, ҳамчунин аз кори хуб таҳия шудани диссератсия ёдовар шуд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро манзур карда, дар маҷмуъ кори диссератсиониро баанҷомрасида ҳисобид ва ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намуд.

Ба эродҳои муқарризони холис диссертант Саидова М. А. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои Шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссератсия пардохтанд.

Дар муҳокима аъзои Шуро – номзадони илм Асламов Ҳ., Ҷураев Х. ва профессор Ҷоматов С. иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки гарчанде сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби муҳаққиқон қисман ба таври гуногун пешниҳод шудааст, аммо оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти алоҳида ба назар намерасад. Дар таҳқиқоти диссератсионӣ воқеан паҳлуҳои гуногуни омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда ташаккулёбии масъалаҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда мавриди назар ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил шуда, натиҷаҳои он барои

такомул ва рушди граматикаи мукоисавии забонхои тахкикшаванда аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Таъкид гардид, ки ихтисос ва номи мавзуи диссератсия ба шиноснаомаи ихтисос ва муҳтавои диссератсия пурра мувофиқат мекунад. Дар охири суханрониҳо ҳамаи музокиракунандагон пешниҳоди муқарризони холисро дар хусуси ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия додани таҳқиқоти диссератсионӣ дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои Шуро дар мавриди ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Саидова М.А. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 14 нафар;
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссератсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод карда шавад.

Раиси Шурои олимони
факултет, н.и.ф., доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш

Котиби Шурои олимони
факултет Ғуломов Н

29.10.2022.